ФАРМОИШИ
РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ
НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз «30» 12 соли 2025 № 481/ле ш. Душанбе

*Дар бораи бақайдгирии маҷаллаи*
*илмӣ дар Феҳристи маҷаллаҳои (нашрияҳои)*
*илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Мутобиқи сархати бисту шашуми банди 9 ва сархати чоруми банди 18-и Низомномаи муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, №270 тасдиқ шудааст, **ф а р м о и ш м е д и ҳ а м:**

1. Маҷаллаи илмии “Паёми молия ва иқтисод” – и Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба Феҳристи маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шавад.
2. Дар маҷаллаи мазкур нашри маводи илмӣ аз рӯйи самти илмҳои 1.1. Математика ва механика, 5.2. Иқтисодиёт ва 5.5. Ҳуқуқшиносӣ иҷозат дода шавад.
3. Бахши иттилоот ва маҷаллаҳои илмӣ (Дурандеш Шарифзода) дар муҳлати то 10 рӯз нусхаи фармоишро дар сомонаи Комиссия ҷойгир намояд.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи саркотиби илмӣ Расул Маъруфӣ вогузор карда шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 декабри соли 2025, №13

Раис Саъфиддин Давлатзода

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ